**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025 - 35 саҳ.).**

Масъалаи муқовимат ба экстремизм ва даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ, инчунин сафедкунии оммавии экстремизм, яке аз масъалаҳои мубрами амнияти миллӣ ва суботи ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, зарурати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва мутобиқ сохтани қонунгузории ҷиноятӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ, қонунгузори ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.307[1] КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм пешбинӣ кардааст. Ин модда ҳамчун як унсури калидӣ дар низоми ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат қабул гардида, ҳадафи он таъмин намудани муҳофизати устувори давлатӣ аз таҳдидҳои марбут ба экстремизм мебошад. Қабули ин тадбир на танҳо як иқдоми ҳуқуқӣ, балки посухи мустақим ба таҳдидҳои рӯзафзун дар шароити муосири ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он экстремизм ва ифротгароӣ ба унсурҳои асосии ноороомсозии суботи миллӣ ва амнияти минтақавӣ табдил ёфтаанд.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм асоси автореферати диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокаримро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 35 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бахшида шуда, аҳаммияти он дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти

давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ ба таври назаррас истифода шаванд. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва самаранок намудани муқовимат бо чунин ҷиноят саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба мушаххас намудани мафҳуми экстремизм ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, кушода додани аломатҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии марбут ба он, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти мазкур ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳодҳои амалӣ ва бунёдӣ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки «таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, илмҳои сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ гувоҳӣ он аст, ки то ҳол мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм дар арсаи ҷаҳон вуҷуд надорад» (саҳ.18). Ҳамчунин муаллиф ба таври асоснок андешаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки «таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ нишон медиҳад, ки даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят дар Кодексҳои ҷиноятии кишварҳое чун Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус бевосита пешбинӣ нашудаанд» (саҳ.20).

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, моддаи 307 КҶ ҶТ бо моддаи 307.1 КҶ ҶТ дар рақобати шаддид қарор доранд, аммо аз ҷониби муаллиф таносуб, монандӣ ва фарқияти онҳо мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст, хуб мешуд дар рафти ҳимоя он аз тарафи муаллиф асоснок карда мешуд.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи хуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А.

«Имзои Миралиев С.А. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** dsx_ips@mail.ru

«20» 08 соли 2025